Баъзе гурӯххо ва шахсони тасодуфию манфиатхохе, ки на чамъият мешиносаду на касе, на бар чамъият заруранду на бар хасе бо расонахои хабарии хоричии зери назари хадамоти махсуси кишварҳои маълум мусохибаву сухбатхо доир намуда, худро як намуд шонисониданӣ мешаванд, дар холе касе намешиносад.

Аз чумлаи онхо Алим Шерзамонов аст, ки худро муовини рахбари Паймони миллии Точикистон ё ба иборае думрави паймони миллӣ хисобида, дар сомонахои ичтимоӣ ва шабакахои иттилоотӣ вобаста ба баркарор кардани тартибот дар Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон (ВМКБ) иддаои бемаврид мекунад.

Каблан хам дар хаводиси чанд сол пеши шахри Хоруг накши мардумфиребона ва худхохонаи собиқ раиси бахши Хизби сотсиал-демократи Точикистон дар ВМКБ – Алим Шерзамонов хеле рӯшан ба назар мерасид. Вай рахбарии гирдихамомадагонро бар ӯхда гирифта, худро ба иборае танзимкунанди вазъият меномид. Аммо барои боз хам шиддат гирифтани вазъият шароит фарохам оварданӣ мешуд.
Бояд тазаккур дод, Шерзамонов он хаводисро, ки амалиёти боздошти гурӯххои эхтимолии кочокбарони маводи мухаддир номбар мешуд ва ба бенизомихову эътирозхо мепечид, макомоти хифзи хукуки вилоятро гунахкор карда, худро сафедкунанда нишон медод, ки ба вокеият мувофикат намекард. Шерзамонов то имрӯз дар ягон макомоти давлатӣ фаъолият накардаву боз худро нодиру бехамто тарошида, чониби давлату миллати точик санги маломат мезанад. Алим шахрванди носипоси Точикистон аст, ки заррае бахри ободиву сарсабзии миллат накӯшидааст, вале барои мушкилоти нав ба навро эчод кардан, заминагузорӣ мекунад. Шерзамонов дар он мусохиба ба хар суол посухи аблахонаву бемантикона медихад ва зери таъсири кадом ачнабӣ фаъолият намуданашро ошкор месозад. Агар вай фитнаангез намебуд, баъди ходисахои тобистони соли 2012 чониби Россия фирор наменамуд. Баъди орому осуда шудани вазъият дар ин минтака мохи сентябри соли 2013 рӯй чониби Хоруг оварда. Лекин боз аъмоли хиёнаткоронаи худро идома доду, мисли гузашта мардумро ба шӯр оварду чониби хочаи дигар рохи гурезро пеш гирифт. Вай хатто дониши комили сиёсӣ хам надорад, то чомеаро идора кунад. Халк хам намехохад, ки чун алимхо аз онхо пуштибонӣ кунанд. Ягон кас хамрохи ӯ нест, гайр аз ду-се чавони сархушу гумрох. Аксари кулли мардуми Бадахшон хостори катъи сафсатагӯихои Шерзамонов шудаанд. Чунки шахси ба ном ватанпарвару ислохотхох вазъияти имрӯзаву гӯзаштаи начандон дурро шарх доданӣ шуда, дар гуфтору пешниход ва хостахояш ба иштибохи зиёд рох медихад. Ӯ бо ин тахлили нодурусти вазъият мардумро ба гумрохӣ мекашад, хатто фиреб хам мекунад. Дар бораи хаводиси сохтаю бофтае гап мезанад, ки худаш ба гуфтааш шак меорад. Максади вай танхо халкро сарсону саргардон кардан ва ба шӯр овардан аст. Амалаш танхо рӯсиёхӣ ва зишткорихои ӯро нишон медихад. Овозаву дарвозакунихои Шерзамонов дар воситахои ахбои умум ва дигар расонахои интернетиву ичтимоӣ нишон додани чехраи манфури худи ӯст. То хол Алим ва хамакидагонаш пай набурдаанд, ки агар худи ӯ ва садхо монандаш гулӯ даронанд хам, мардум ба ин гуна нафарони разил эътибор намедиханд. Мардуми сарбаланди точик аз ин худмуаррифисозихои сохтаю бофта, лофу газофи бемаврид ва дурӯгин безор шуданд.

Ф. Фаррухзода , коршиноси сиёсӣ